**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Рашид Абубакр дар мавзӯи «Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биологӣ аз ихтисоси 03.03.01. - физиология**

Новобаста аз он, ки тадқиқотҳо оид ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити атроф ба монанди ҳарорат, олудакунии ҳавои муҳит, таъсири антропогенӣ ба ҳолатҳои гуногуни табиат зиёданд, қариб ҳамаи онҳо глабалӣ, яъне хеле васеъ омӯхта шудаанд. Тадқиқотҳо оид ба як мавзеи муайян ба монанди шаҳрҳо, ки сол аз сол зичии аҳолӣ зиёд шуда истодаанд, кам ба назар мерасад. Тадқиқотҳое, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия иҷро карда шудааст, на фақат дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, балки дар дигар мамлакатҳо ангуштшуморанд. Кори илмие, ки муаллиф иҷро кардааст, лоиқи ҳаматарафа дастгирӣ кардан мебошад.

Дар автореферати Рашид Абубакр аввалин маводҳо оид ба базаи экологӣ – ҷугрофӣ, техногенӣ, тамғаи гуногуни нақлиёт ва теъдоди ихроҷи газҳои заҳролуд ба ҳавои ш. Ҳирот, афзудани теъдоди беморони синну солашон гуногун, аз ҷумла ҷавонон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоташ миёна, таъсири ҳолати синфхонаҳо, биноҳои маъмӯрӣ ва ғайраҳо хуб таҳлил карда шудааст. Автореферат мувофиқи мақсад ва вазифаҳои кор мураттаб карда шудааст. Яъне мақсадҳои гузошташуда иҷрои худашро ёфтааст.

Ҳамин тавр автореферати Рашид Абубакр яке аз корҳои аввалин ба забони модарӣ ба табъ расида мебошад ва муаллиф кушиш намудааст, ки истилоҳотҳои дурустро оид ба баъзе мафҳумҳо истифода намояд.

Дар маҷмӯъ Рашид Абубакр вазифаҳои ба уҳда доштаашро иҷро кардааст. Диссертатсияи муаллиф кори пура анҷомёфта буда, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии илмӣ дорад ва фаҳмиши моро нисбат ба физиология, хусусан ба физиологияи экологӣ ғанӣ мегардонад.

Мазмуни автореферат ба вазифаҳо, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои он мувофиқат мекунад. Диссертатсияи Рашид Абубакр дар мавзӯи

«Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА» ҳалли масъалаҳои муосирро оид ба физиология, ки аҳамияти илмӣ – назариявӣ дорад, дар бар мегирад. Муаллифи он Рашид Абубакр сазовори дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.03.01. - физиология мебошад ва мусбат баҳо дода мешавад.

Директори маркази илмӣ тадқиқотии
ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино
н.и.б., дотсент /__________/ Ғаниев Х.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

Имзои Ғаниев Х.А.-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Сардори шуъбаи кадрҳо
"13" 06 2019с